# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Муҳим будани мавзуи таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ қарордодаи Суриева Шакармо бо назардошти авзои сиёсии номуайяни ҷаҳони муосир, пайомадҳои нигаронкунанда ва ҳатто хатарноки раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷараёнҳои ба он монанд, коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт одоб, фарҳанг ва дар умум раванди муосири иҷтимоӣ, ки шиддати паҳншавии фарҳангҳои бегонаро нисбатан суръат мебахшад, яке аз мавзуъҳои мубрам ва ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре ки муҳаққиқ изҳор намудааст, вазъи мураккаби ҷаҳони муосир, низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни олам, вусъат пайдо кардани терроризму ифротгароӣ собит месозад, ки инсоният ҳанӯз ҳам рӯ ба рӯйи таҳдиду хатарҳои замони муосир осебпазир аст ва ба тақвияти эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ, ташаккули ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ниёз дорад. Аз ҳамин хотир, муассисаҳои таълимиро мебояд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омӯхтани таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, ба ин васила ташаккули эҳсоси ватандӯстии насли наврас, ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ҷиҳати баланд бардоштани руҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва худогоҳиву худшиносии наврасону ҷавонон чун муҳофизи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати куҳанбунёд тарбия намудани онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати

дар руҳияи созандагони фардои дурахшони кишвар тарбият намудани насли наврас ба мо чунин таъкид менамоянд: «Бояд мафҳуми Ватан, гиромидошти он руйдодҳои воқеии таърихии миллатро биомӯзем, бидонем ва ба фарзандонамон фаҳмонем, то ки аз гузашта ибрат бигиранд. Рӯ овардан ба таърих ва омӯзиши он маҳз барои худогоҳӣ, бедории миллати мо басо ногузир аст. Ба назарам ифтихор аз гузаштаи халқу миллати худ вақте баҷову шоиста аст, ки онро донӣ, дарк кунӣ ва аз бурду бохташ огоҳ бошӣ».

Роҳбари давлат таъкид ба он дорад, ки танҳо бо таълим ва парвариш инсон ба камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ намерасад. Камолоти инсон бе ҷаҳонбинии васеъ, бе дониши комил оид ба Ватан, ватандорӣ, таърих, гузаштаю имрӯзи кишвар ғайри имкон аст. Бинобар ин масъалаи парвариши эҳсоси ватандорӣ ватанхоҳӣ, пеш аз хама ба дараҷаи камолоти инсон пайванд мехӯрад.

Илова ба ин, муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки дар ҳоли соҳибихтиёрии давлатҳо, тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии ҷомеа, зарур аст, ки афкори миллӣ, шуури миллӣ-ватандӯстӣ тақвият дода шавад, ки ин ба ташаккули андешаи миллӣ дар шуури инсоният, эҳёву гиромидошти забони модарӣ, таъриху фарҳанг, анъанаҳои миллӣ мусоидат менамояд.

Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқи рисола дар замони истиқлоли давлатӣ назария ва методикаи фаъолияти педагогии омӯзгорон дар самти тарбияи ватандустӣ муҳим ба шумор рафта, такмилу инкишофи он зарур донист мешавад. Зеро тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ буда, сифатҳои олии хештаншиносию ватандӯстии хонандагонро баланд мебардорад. Арҷ гузоштан ба мероси ниёгон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва гиромӣ доштани истиқлолу ваҳдати миллӣ, ҷойгоҳи муътабари рамзҳои давлатиро дар ниҳоди онҳо таҳким мебахшад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло зикршуда аз они шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯй

Суриева Шакармо дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши осори ниёгон, таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад. Дар ин росто, асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон ", ки пояи бунёдии омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба шумор рафта, ба андешаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шиносномаи миллати тоҷик дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии тоҷикон хизмати шоиста кардааст,ки насли наврасро мебояд гузаштаро ба нигоҳи хирадмандона ва муҳаббати поки ватандорӣ омӯзанд, тоояндаи дурахшони халқи тоҷикро таъмин созанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Суриева Шакармо аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳимми ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши таъриху фарҳанги гузашта бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, унвонҷӯ Суриева Шакармо дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳиммеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, зимни таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳи тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба танзими онҳо, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ, ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ, муайян кардани муҳтавои педагогӣ, моҳият ва мавқеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон ва гузаронидани

озмоишҳои педагогӣ ба **навгониҳои илмии** зерин муваффақ гардидааст. Аз ҷумла:

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок кардааст;

- бори аввал барномаи озмоишии махсуси омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагонро таҳия намуда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор додааст ва самарабахшии таҳқиқотро нишон додааст;

- тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров фаъолиятҳои тарбиявию беруназсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда, ба ин васила роҳҳои ташаккули худогоҳиву худшиносии хонандагон ва тарбияи ҳисси амиқи ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватанро миёни онҳо ошкор ва ба омӯзгорон пешниҳод гардонидааст.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубраму саривақтӣ ва дархӯри ниёзҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар арзёбӣ кунем.

Қобили зикр аст,ки дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлӯҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои баргузорнамудаи Суриева Шакармо, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи

корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо собит месозанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқӣ-илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни тадқиқот ба даст омадаанд.

Яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар онаст, ки муаллифи рисола масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва роҳҳои ташаккули онро ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ва ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст. Барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимон, мутафаккирон, муаррихон ва адабиётшиносони маъруфи гузаштаву муосири тоҷик, хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро далел овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, машваратҳои августии омӯзгорон, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шуданд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифигари онанд:

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки**

- раванди фаъолияти таълимӣ ва шароиту нақши муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор гирифтааст;

- зимни омӯзиш мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудааст;

- асосҳои педагогӣ ва самарабахшии омӯзиши асари “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо муайян карда шудааст;

- зимни корҳои озмоишӣ шароити педагогӣ ва воситаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷиҳати омӯзиш ва ҳифзу ғанӣ гардондани мероси таърихиву фарҳангӣ амалӣ карда шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот:**

- дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути озмоишҳо асоснок карда шуданд;

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нишондиҳандаву сатҳҳое, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, муайян карда шудааст;

- метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” муайян ва унсурҳои алоҳидаву ҷузъҳои таркибии тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард ва дақиқ карда шуданд;

- тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгорон коркард ва пешниҳод шуданд.

Тавсияҳои методии таҳия ва пешниҳодшуда ба ташаккули худогоҳиву худшиносии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон бе чуну чаро мусоидат хоҳанд кард.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, ба бандҳои 3, 4, 5 шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои тадқиқоти дссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур бо номи “Бозтоби эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ дар омӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва осори ниёгон” ва 1 барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” -и Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Низомнома:**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад тасаввуроти аниқ ҳосил мегардад.

Дастовардҳои диссертатсия, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои он тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ҷадвалҳо ва диаграмма таъмин аст.

Матни диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оммафаҳм, равону тоҷикӣ, буда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ комилан риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу равшан бароварда шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки пештар зикр гардиданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нестанд, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан:

1. Муаллиф дар диссертатсия оид ба метод, восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ибрози ақида карда, рушди худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастиро дар донистани таъриху фарҳанги гузашта ва ҳифзи марзу буми аҷдодӣ арзёбӣ намудааст. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ методу восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ ва омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”-ро дар шакли дастур-раҳнамо пешниҳоди омӯзгорону муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегардонид.

2.Диссертант дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои “тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон”, “тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир” ва “тафсири умумии таҳқиқоти солҳои охирро оид ба тарбияи ватандӯстӣ” муфассал шарҳу тавзеҳ додааст. Вале дар ин қисмат дар баробари мафҳумҳои зикршуда, мафҳумҳои: «тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ» ва «ҳисси шаҳрвандӣ» шарҳи муфассалро тақозо доранд. Агар муаллиф ин мафҳумро низ шарҳ медод, дарки маънои ҳамин қисмати диссертатсия барои хонанда осонтар гашта, ба ҳамин восита ба маънои ин мафҳумҳо шинос мешуд ва аз ин арзиши илмиву амалии тадқиқот бештар мегашт.

3.Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

## ХУЛОСА

1.Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна кори ба итмомрасидаи илмӣ-тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2.Унвонҷӯй ба ҳадафи дар тадқиқот гузоштааш ноил шуда, вазифаҳои илмии тадқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи тадқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3.Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Ш. А
"08" 02 2024с.

**Маълумот барои тамос:**

Шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73, +992 92 7778 70; Почтаи электронӣ: sharofzod 1954@mail.ru.

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ*

*ба номи академик Б. Ғафуров" _________ Наврӯзов Э.М.*